Миралиён Қ. А.

# РОҲНАМО: ИДЕОЛОГИЯИ МИЛЛӢ ВА ҶАВОНОН

Дастури таълимии иттилоотию методӣ

Маводи таълимии методӣ

***МИРАЛИЁН Қ. А.***

# Роҳнамо: идеологияи миллӣ ва ҷавонон

*Тавсия дода шуд (барои чоп) бо қарори Шӯрои илмӣ—методии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.02.2016, №4 ба сифати маводи таълимии методӣ барои мутахассисони бахши идеологии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла соҳаҳои кор бо ҷавонон, занон ва оила, дин ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин масъулони бахши тарбиявӣ ва таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ*

ББК: 92912+6 6,75 (2 тоҷик)
УДК: Қ-59
ISBN: 978-99975-916-7-8

<u>***Зери назари***</u> *Раҷабова Л. Н. - доктори илмҳои математика, Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон.*

<u>***Тақриз доданд***</u>*:*

*Содиқова Н. Н. – доктори илмҳои фалсафа, профессор, ходими илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*Самиев Б. Ҷ. - доктори илмҳои фалсафа, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.*

*Мавод фарогири ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули идеологияи миллӣ буда, он бо назардошти шароит, таҷриба, имконот ва заминаҳои фароҳамбуда дар мамлакат тарзу усулҳои устуворсозии низоми (системаи) ташкил ва амалисозии чорабиниҳои талқин-диҳандаи андешаи/идеологияи миллиро дар байни ҷавонон ва дигар қишрҳои осебпазири ҷомеа дар таносубнокӣ ба тақозои ҷомеаи муосир фаро мегирад.*

*Роҳнамо ба сифати василаи таълимии методӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати муқовимат ба зуҳуроти номатлуб ва ташвишовари солҳои охир бавуҷудомада, ба монанди экстремизм, терроризм, радикализм, хурофот ва бегонапарастӣ таҳия гардида, барои истифодаи васеъ ба/барои мутахассисони бахши идеологии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла соҳаҳои кор бо ҷавонон, занон ва оила, дин ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин масъулони бахши тарбиявӣ ва таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ тавсия дода мешавад.*

© *МИРАЛИЁН Қ. А.* Роҳнамо: идеологияи миллӣ ва ҷавонон.—Душанбе: «Адабиёти бачагона» 2016.—165 с.

## МУНДАРИЧА

**ПЕШГУФТОР**........................................................ 4

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРЯВИИ ИДЕОЛОГИЯ ВА НАҚШИ ИДЕОЛОГИЯ ДАР ТАРБИЯИ ҶАВОНОН**........ 7

§ 1. ИДЕОЛОГИЯ, НАМУДҲО ВА АРЗИШМАНДИИ ОН, ИДЕОЛОГИЯИ МИЛЛӢ.......................................................... 7

§ 2. ҶАНБАҲОИ ИДЕОЛОГИИ ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБ ВА Ё ИДЕОЛОГИЯИ НОКОМИЛ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН ВА ИРОДАИ ШАХСИ ҶАВОН ДАР МУҚОВИМАТНОКӢ БА ОНҲО.......................................................................... 27

§ 3. ТАРЗУ УСУЛҲОИ ТАШАККУЛИ ШАРОИТҲОИ ШУҒЛМАНДӢ, ҲАМЧУН ВАСИЛАИ МУЪТАМАД БАРОИ ТАРБИЯИ ИДЕОЛОГИИ ҶАВОНОН........................ 42

**БОБИ II. ВОСИТАҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА НИЗОМИ (ТАРКИБИ) УСТУВОРИИ ТАШКИЛИ ЧОРАБИНИҲОИ ИДЕОЛОГӢ**.................................................................... 51

§ 1. ВОСИТАҲОИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ БОНИЗОМИ ТАШКИЛОТҲОИ КОР БО ҶАВОНОН ҲАМЧУН ЗАМИНАИ УСТУВОР ДАР САМТИ РУШДИ ИДЕОЛОГИЯИ МИЛЛӢ: ҲОЛАТ ВА ПЕШОМАДҲО......... 51

§ 2. НИЗОМ ВА Ё СИСТЕМАИ ИДОРАКУНӢ, ҲАМОҲАНГ-СОЗӢ ВА АМАЛИСОЗИИ ЧОРАҲОИ ИДЕОЛОГӢ: ҲОЛАТ, ИМКОНИЯТ ВА УСУЛҲОИ РУШД.......................... 74

§ 3. УСУЛҲО ВА Ё ТАРТИБИ (МОДЕЛИ) ТАШКИЛИ ЧОРАБИНӢ - РОҲНАМОИ ТАҲКИМИ НИЗОМИ АМАЛИСОЗИИ ЧОРАБИНИҲОИ ИДЕОЛОГӢ.................. 109

ҚАДАМҲОИ АСОСИИ ТАШКИЛИ ЧОРАБИНӢ / ЛОИҲА.......................................................................................... 113

ЗАМИМАҲО.......................................................................................... 152

## ПЕШГУФТОР

Дар шароити тезутундшавии муносибатҳои геополитикии ҷаҳон, аз ҷумла таҳдидҳои номуносиб ва бесомони кишварҳои абарқудрат нисбат ба кишварҳои дар ҳоли рушд буда андешиадни тадбирҳои таъхирнопазири таъминкунандаи амнияти ҷамъиятии давлатӣ ва ҳифзи муқаддасоти миллӣ, бахусус маърифатнок гардонидани аҳли ҷомеа ва ба ин васила дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ, пос доштани сулҳу субот ва ягонагии кишвари азизамон Тоҷикистон тарбия намудани ҷавонон аз масъалаҳои аввалиндараҷа маҳсуб мегарданд.

Дар ҳақиқат дар ҳоле, ки аксарияти аҳолиро шахсони ҷавон ташкил медиҳанд ва муайянкунандаи самтҳои ҳаёту фаъолияти ояндаи ҷомеа маҳсуб мегарданд, соҳибмаърифатӣ, доштани хиради волои сиёсӣ ва қавииродагии онҳо боиси соҳибамнӣ ва қудратмандии Тоҷикистон шуда метавонад.

Дар ҳамин росто, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқоти расмӣ бо намояндагони ҷавонони кишвар – 23 май чунин иброз карданд: «*Ҷиҳати ташаккули андешаи миллии наврасону ҷавонон ва омода намудани онҳо дар самти муқовимат ба тазодҳои ҷомеаи муосир ҳоло дар назди сохтору мақомоти давлатӣ, падару модарон ва аҳли ҷомеа корҳои зиёде қарор доранд*».

Дар воқеъ солҳои охир тазодҳои ҷомеаи муосир боис гардидаанд, ки дар сартосари ҷаҳон зуҳуроти номатлуб, аз қабили экстремизм, терроризм, радикализм ва дигар равияҳо зиёд гардида, ҷомеаи ҷаҳонро зери таҳдид ва таҳлука қарор додаанд. Ташвишовар он аст, ки дар ин

раванди номатлуб ба сифати аслиҳаи асосӣ ҷавонон, ки ҷисман қаввию зеҳнан заиф мебошанд, мавриди истисмор қарор гирифтаанд. Дар навбати худ, ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва террористӣ ба манофеи пасипардагии гуруҳи муайяни ниҳодҳои қудратманд дар роҳи ғанӣ гардонидани иқтисодиёти хеш ва баланд бардоштани нуфузи сиёсӣ истифода мегарданд, ки маҳз ҳамин сиёсат (муносибат) аз хатарноктарин омилҳои муосир маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, талқини идеологияи комил, яъне идеологияи ҷамъиятӣ-давлатӣ ва ё миллӣ дар байни ҷавонон бо роҳи амалӣ намудани чорабиниҳои бонизом дар самти баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ, маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии онҳо ва ба ин васила тарбияи комили ин насл ҳамчун нерӯи пуриқтидор ва пояндаи кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад.

Албатта, аз ҷониби мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифатноксозӣ ва тарбияи ҷавонон чорабиниҳои зиёде татбиқ ёфта истодаанд ва ҳамарӯза шахсони зиёд бо маълумоти дахлдор фаро гирифта мешаванд. Вале, мутаассифона бинобар камсифатӣ натиҷанокии ин амалҳо назаррас намебошанд, ки сабаби ин омил (камсифатӣ) ба заиф будани низоми ташкил, идоракунӣ, ҳамоҳангсозӣ ва амалисозии чорабиниҳои идеологӣ асос меёбад. Илова бар ин, зиёд будани сатҳи омилҳои номатлуб дар байни ҷавонон ва афзоиш ёфтани сафи онҳо дар ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ шаҳодати камтаъсир ва камсамар будани ин намуди чорабиниҳо ба ҳисоб меравад.

Бо ҳамин мақсад, маводи мазкур ба сифати роҳнамо—ифодагари тарзу усулҳои мувофиқи ташкили

чорабиниҳои бонизоми тарғиботию маълумотноксозӣ ва маърифатнокию тарбиявии ҷавонон барои мутахассисони бахши идеологии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла соҳаҳои кор бо ҷавонон, занон ва оила, дин ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин масъулони бахши тарбиявӣ ва таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ тавсия дода мешавад.

Мавод фарогири ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули идеологияи миллӣ буда, он бо назардошти шароит, таҷриба, имконот ва заминаҳои фароҳамбуда дар мамлакат тарзу усулҳои устуворсозии низоми (системаи) ташкил ва амалисозии чорабиниҳои талқиндиҳандаи андешаи/идеологияи миллиро дар байни ҷавонон ва дигар қишрҳои осебпазири ҷомеа дар таносубнокӣ ба тақозои ҷомеаи муосир фаро мегирад.